# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи хатмкардаи зинаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Абдуллоҷони Ҳамрохон дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

Дар давоми таҳсил дар зинаи аспирантура ва фаъолияти илмӣ Абдуллоҷони Ҳамрохон, худро ҳамчун мутахассиси варзида, масъулиятнок ва бофаросат дар соҳаи таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба «Асосҳои педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» нишон дода тавонист.

Қобили зикр аст, ки кори диссертатсионии Абдуллоҷони Ҳамрохон ҳанӯз аз солҳои нахустини кору фаъолияти омӯзгориаш зимни хондани маърузаҳо ва гузаронидани машғулиятҳои амалӣ аз фанҳои тахассусӣ дар асоси заминаи мисолу намунаҳо сурат мегиранд, ки баъдан заминаи таҳқиқоти диссертатсионии ӯро ташкил кардаанд.

Рисолаи илмии Абдуллоҷони Ҳамрохон дар кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ анҷом дода шудааст.

Абдуллоҷони Ҳамрохон факултети тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро соли 2017 дар зинаи мутахассис бо ихтисоси «Муаллими тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ» хатм намудааст. Солҳои 2018-2021 зинаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот хатм кардааст.

Номбурда, дар давоми фаъолияти корӣ дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз соли 2017 ассистенти кафедраи

педагогика ва аз соли 2020 то имрӯз муаллими калони кафедраи мазкур, фаъолият намуда, аз моҳи майи соли 2024 ба ҳайси и.в. мудири кафедраи мудофеаи граждани таъйин гардидааст.

Мавзуи рисолаи илмии Абдуллоҷони Ҳамрохон дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ 29.05.2018 (суратҷаласаи №10) тасдиқ карда шуда, дар давоми фаъолияти илмӣ бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ 28.10.2022 (суратҷаласаи №3/4-15) тағйирот ворид карда шуда, чунин номгузорӣ гардид: «Асосҳои педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ».

Муҳтаво ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмии Абдуллоҷони Ҳамрохон дар конференсияҳои байналмилалӣ, конференсияҳои илмӣ-амалии ҳарсолаи ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Русия, Донишгоҳи забонҳои Ҷумҳурии Қазоқистон ва ғ. (2018 - 2024) инъикос ёфтаанд. Натиҷаҳои алоҳидаи рисола дар монографияи «Асосҳои педагогии тайёр намудани муаллимони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таълимӣ» -Душанбе. - 2020, 124 с. ва маҷаллаҳои илмӣ дар шакли 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои илмӣ, ки ба рӯйхати маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Муассисаи давлатии Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомиланд, ба табъ расидаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

- муҳимтарин самтҳои асосии таълим ва тарбияи ҷисмонии насли наврас дар ҷомеаи имрӯза бо баҳисобгирии андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ муайян карда шуданд;

- нақши омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар ташаккули тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва механизми ташкили тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии хонандагон муайян карда шуд;

- афкори муайяни педагоги олимон марбут ба тарбияи худогоҳии миллӣ ва ватандӯстии ҷавонон омӯхта шуда, роҳу усулҳо ва методикаи тайёр кардани насли оянда дар самти тарбияи ҳарбӣ–ватандӯстӣ дар шароити муосир муайян карда шуд;

- самтҳои асосии фаъолияти муштараки омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ бо хурдсолон ва калонсолон дар раванди таълим муайян карда шудаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**. Асосҳои назариявии таҳқиқотро таълимоти мутақобилаи илмӣ, методӣ ва умумибашарӣ, нишондодҳои фалсафию педагогӣ, бо ҳам алоқаманд будани ҳодисаҳои ҷамъиятӣ ва бо ҳам тавъам будани назария ва амалия, инчунин, дар вақти таҳқиқот ба ҳисоб гирифтани таҷрибаи таърихи инсоният ҳангоми дарк намудани вазифаҳои мубраму муҳимми замони муосир ташкил медиҳад. Дар вақти гузаронидани таҳқиқот асосҳои назариявии Қонуни ҶТ «Дар бораи ТҶ ва варзиш», «Барномаи маҷмуии рушди ТҶ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021», «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳури Тоҷикистон», Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» ва монанд ба инҳо ба роҳбарӣ гирифта шуданд.

Натиҷаи кори илмӣ – таҳқиқотӣ метавонад, барои тайёр намудани хонандагони МТМУ дар руҳияи тарзи ҳаёти солим, тайёр будан ба хизмати Модар – Ватан, халқу миллати хеш ва дигар халқияту миллатҳои маскуни Тоҷикистон заминаи воқеӣ гузорад.

Натиҷаҳои таҳқиқот барои дар руҳияи ватандӯстиву дифои Ватан тарбия намудани хонандагони МТМУ тавассути дуруст ба роҳ мондани кори ТҶ маводи арзишманде ба ҳисоб меравад.

Маводи таҳқиқот барои омӯзгорон, мутахассисони соҳаи педагогикаву психология, донишҷӯёни донишгоҳу коллеҷҳои омӯзгорӣ муфид буда, метавонад дар донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва амсоли инҳо истифода шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Асоси эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро таҳия ва нашр намудани мақолаҳои илмӣ – амалӣ

дар бораи натиҷаҳои таҳқиқот дар нашрияҳои мухталиф, дар маҷаллаҳои илмӣ, баромаду маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ, илмӣ-амалӣ дар байни омӯзгорон ва донишҷӯёни кафедраҳои педагогика ва психологияи ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи бозомӯзии минтақаи Кӯлоб ташкил медиҳад.

Бешубҳа, муҳаққиқ ҳамчун мутахассис хеле хуб омода шуда, рушд кардааст, мавзуи рисолаи илмиро ҳаматарафи омӯхта, таҳқиқ кардааст, аз адабиёти илмии педагогика пурра огоҳ мебошад. Кори диссертатсионии муҳаққиқро ба анҷом расида ва босаводона навишта шудааст. Вай назари техникӣ дар шакли зарурӣ таҳия гардида, ба талаботи КОА-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯй мебошад.

Абдуллоҷони Ҳамрохон аз вазифаи ба ӯҳдааш дошта баромадааст ва ҳамчун роҳбари илмӣ чунин мешуморам, ки ӯ сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) арзанда мебошад.

Роҳбари илмӣ, номзади имлҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи
ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Иброҳимов Г.

“Имзои н.и.п, дотсент Иброрҳимов Г.-ро тасдиқ мекунам:”
Сардори РК КМ ДДК ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.А.

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.
Тел: (833-22) 2-35-06, (833-22) 2-36-26
Факс: (33-22) 2-35-06, www.kgu.tj